«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода доктори илмҳои филологӣ, профессор Гулназарзода Ж. Б.
«17» августи соли 2026

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи Наҷотзода Ҷамшед Нарзулло дар мавзуи «Арзишҳои адабии тарҷумаи форсии «Рисолаи қушайрия»-и Абулқосими Қушайрӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021401 – Назарияи адабиёт ва сабкшиносӣ).**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Масъалаи таҳқиқ, омӯзиш, нусхашиносӣ ва нашри мероси адабии гузашта дар давраи Истиқлоли давлатии Тоҷикистон беш аз ҳарвақта муҳиммият ва мубрамият касб менамояд, ки ин аз ниёзҳои маънавӣ ва мафкуравии ҷомеаи имрӯзаи кишвар сарчашма мегирад.

Аз ин ҷиҳат омӯзишу таҳқиқи «Арзишҳои адабии тарҷумаи форсии «Рисолаи қушайрия»-и Абулқосими Қушайрӣ» барои шинохти мақому ҷойгоҳи адабии он ва умумияти адабиёти ирфонӣ ва насри классикӣ шоистаи таваҷҷуҳи хосса аст ва он бо шиносномаи тахассуси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021401 – Назарияи адабиёт ва сабкшиносӣ) комилан мувофиқат мекунад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Мероси адабиёти классикии форсии тоҷикӣ ганҷинаи бузурги хираду маънавият, андешаю фалсафа ва ахлоқу тарбияти миллии халқи тоҷик аст. Истиқлоли давлатӣ ва равандҳои эҳёи арзишҳои миллӣ барои омӯзишу таҳқиқи намунаҳои арзишҳои осори адабиии классикӣ, шинохти воқеию илмии аҳволу осори суханварони гузашта роҳи васеъ боз намуд. Дар натиҷа, тули даҳсолаҳои охир на танҳо омӯзиши мероси адабии классикӣ, балки таҳқиқ ва нашри ин мерос дар муҳити илмию адабии имрӯза суръат гирифт. Аз ҷумла, бисёре аз намунаҳои осори ирфонии форсии тоҷикӣ таҳқиқ ва интишор ёфтанд. Яке аз асарҳои арзишманди насри ирфонии форсии тоҷикӣ «Рисолаи қушайрия»-и Абулқосими Қушайрӣ маҳсуб меёбад, ки он дар аҳди шуравӣ бар асари маҳдудиятҳои мафкуравӣ аз назари муҳаққиқони адабиёти классикӣ дур монда буд. Ба назари мо, диссертатсияи Ҷ. Наҷотзода «Арзишҳои адабии тарҷумаи форсии «Рисолаи қушайрия»-и Абулқосими Қушайрӣ» ин халои илмию пажуҳиширо дар адабиётшиносии

муосири тоҷикӣ пур мекунад. Дар диссертатсияи мавриди назар бори нахуст «Рисолаи қушайрия»-и Абулқосими Қушайрӣ» аз нигоҳи арзишҳои адабӣ, сохтори бадеӣ, тасҳеҳу нашр, забон ва сабки баён таҳқиқ мешавад. Чунонки ишора шуд, «Рисолаи қушайрия» аз ҷумлаи маъруфтарин ва муҳимтарин таълифоти Абулқосими Қушайрӣ ба ҳисоб меравад. Ин китоб дар асри XI таълиф гардида бошад ҳам, дар давраҳои баъдӣ барои рушду инкишофи насри ирфонӣ дар адабиёти классикии форсии тоҷикӣ нақши муҳим гузоштааст, зеро Қушайрӣ китоби мавриди назарро бо мақсади шарҳу тафсири ақоид, одоб, русум, шарҳи ҳол ва баёни афкори ирфонӣ дар ду фаслу панҷоҳу чаҳор боб таълиф намуд.

Таҳқиқи ҷанбаҳои ҳунарию арзишҳои бадеии тарҷумаи форсии «Рисолаи қушайрия» бозгӯи он аст, ки осори мазкур аз зумраи аввалин ва муҳимтарин сарчашмаҳои осори ирфонӣ буда, дар баробари фарогирии масоили назарӣ ва амалӣ дорои арзишҳои муҳимми адабию бадеӣ мебошад. Аз ин ҷиҳат ҳам, таҳқиқи мазмуну мундариҷа, сабки таълиф, нусхашиносӣ ва таҳқиқу нашр ва арзишҳои адабию ҳунарии он муҳим ва мубрам арзёбӣ мешавад.

**Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.** Дар ҷараёни таҳқиқи мавзуъ ва масъалагузориҳои илмию пажуҳишӣ, усулҳои таҳлил ва шеваҳои ҳалли проблемаҳои илмӣ ба таври мақсаднок муайян гардида, натиҷагирӣ ва хулосаҳои муҳаққиқ бар асоси сарчашмаҳои муътамади илмӣ ва адабӣ ҳосил шудаанд. Мақолаҳои диссертант, ки дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар нашрияҳои илмию тахассусӣ ба нашр расидаанд, бо муҳтаво ва самти таҳқиқоти рисола комилан мувофиқанд. Натиҷаҳо ва хулосаҳои манзургардида дар диссертатсияи Наҷотзода Ҷ. Н. дорои пояҳои устувори илмӣ буда, ба талабот ва меъёрҳои таҳияи кори илмии диссертатсионӣ комилан ҷавобгӯ мебошанд.

**Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда**. Навгонии асосии диссертатсия аз тарафи диссертант ба таври мудаллал асоснок гардиданд ва бозтоби саҳми шахсии муаллиф дар баррасии яке аз масоили муҳимми илмии таърихи адабиёти тоҷик мебошад. Диссертатсияи мазкур нахустин иқдом дар таҳқиқи арзишҳои адабии «Рисолаи қушайрия»-и Абулқосими Қушайрӣ маҳсуб меёбад.

Инчунин, баррасии мазмуну муҳтаво, сохтори бадеӣ, забону сабки баён, бадеияти «Рисолаи қушайрия» аз ҷумлаи навгониҳои асосии таҳқиқот мебошад. Ин иқдоми диссертант барои омӯзиши минбаъдаи насри ирфонии

дарсии тоҷикӣ, ҷанбаҳои адабию ҳунарии адабиёти классикии тоҷикӣ мусоидат менамоянд.

**Аҳаммияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои диссертатсия**. Омӯзишу таҳқиқи арзишҳои адабии «Рисолаи қушайрия», ҷанбаҳои ҳунарӣ ва сабкию сохтории он дорои аҳаммияти хоссаи назарию амалӣ мебошад, зеро хулосаҳо ва тавсияҳои диссертант барои омӯзиши минбаъдаи осори Абулқосими Қушайрӣ, рисолаҳои дигари ирфонӣ ва, умуман, насри классикии дарсии тоҷикӣ аҳаммияти махсус доранд. Илова бар ин, маводди диссертатсия ва натиҷагириҳои он на танҳо барои таҳқиқи масоили гуногуни насри классикӣ, балки барои таҳкики китобҳои таълимӣ дар самти назарияи адабиёт, таърихи адабиёт, насри классикӣ, шарҳнигорӣ, сабкшиносӣ, таҳлили матнҳои адабӣ, таълиму тадриси адабиёти ирфонӣ, таълифи дастурҳои таълимӣ ва ғайра муҳим ва муфид мебошад.

Бо назардошти вазифаҳои илмию пажуҳишии худ, диссертант дар назди худ мақсад ва аҳдофи мушаххас мегузорад, ки онҳо дар бахши **нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда** дар чаҳор банд ифода ёфтааст. Дар нуктаҳои асосӣ муҳтаво ва моҳияти бобҳо ва фаслҳои асосии диссертатсия ифода мешаванд. Собит мешавад, ки «Рисолаи қушайрия» дорои арзишҳо, сохтор ва вижагиҳои адабию бадеӣ буда, он дар инкишофу таҳаввули насри ирфонӣ дар адабиёти классикӣ нақши муҳим бозидааст. Далели равшани ин, зуҳури силсилаи рисолаҳо ва осори мансури ирфонӣ дар асрҳои миёна ва қарнҳои баъдӣ мебошад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Диссертатсияи мазкур бо истифода аз усул ва методу равишҳои муосиру эътирофгардидаи адабиётшиносӣ таълиф шудааст. Муаллиф ҳангоми таҳқиқи мавзуъ, баррасӣ ва таҳлили «Рисолаи қушайрия» аз дастовардҳои илмии ховаршиносии муосир, адабиётшиносӣ, назарияҳои ҷадиди илмии олимони ватанию хориҷӣ истифода мебарад. Хулоса ва натиҷагириҳои ҳар боб бо таҳлилҳои муфассал ва мудаллали қобили эътимод асоснок карда мешаванд. Муҳокимарониҳо ва баҳсу баррасиҳои муаллиф қобили таваҷҷуҳанд. Кори диссертатсионии мавриди назар бо барномаҳои илмӣ иртибот ва пайванди қавӣ дорад.

Пайгирии шеваҳо ва роҳу усулҳои дурусту муосири илмӣ, омӯзиши амиқу фарогири сарчашмаҳои адабию илмӣ ба диссертант имкон додаанд, ки аз масоили дар бобу фаслҳои диссертатсия таҳқиқшуда натиҷагириҳо ва хулосаю тавсияҳои қобили эътимод ба даст орад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.** Мустақилона ба таҳқиқи мавзуъ пардохтани диссертант, ковишҳо ва ҷустуҷӯҳои бобарори

илмию пажуҳишӣ, ба дастовардҳои арзишманди адабиётшиносӣ даст ёфтани ӯ бозгӯкунандаи саҳми шахсии муаллиф дар таҳқиқи мавзуъ мебошад.

Наҷотзода Ҷ. Н. дар кори диссертатсионии худ ба таҳқиқи як силсила проблемаҳои марбут ба мавзуи диссертатсия, аз қабили мактабҳои ирфонии аҳди Қушайрӣ, зиндагинома ва осори Қушайрӣ, мавзуъ ва мундариҷаю сохтори бадеии «Рисолаи қушайрия», тарҷумаи форсии онро ба таҳқиқ кашидааст. Тасҳеҳу нашри рисолаи мазкур, забон, сабк ва вижагиҳои адабию ҳунарии «Рисолаи қушайрия», таърихи он ба насри ирфонии давраҳои баъдӣ ва ғайра натиҷаи фаъолияти мустақилонаи илмию пажуҳишии диссертант мебошад. Аз ин лиҳоз, **саҳми шахсии муҳаққиқ** дар таҳияи асосҳои назарӣ ва амалии таҳқиқ, баррасии маводди илмию адабӣ, натиҷагирӣ ва хулосабарориҳои илмӣ равшан мегардад.

**Интишорот дар мавзуи диссертатсия**. Маводди мавриди назар собит менамояд, ки натиҷаҳои асосии таҳқиқ пеш аз ҳимояи диссертатсия дар муҳити илмӣ муаррифӣ гардидааст. Интишори 8 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз санҷиш ва эътирофи натоиҷи таҳқиқ дар доираҳои илмӣ шаҳодат медиҳанд ва сатҳу сифати корҳои илмии анҷомшударо тасдиқ менамоянд.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он.** Дар диссертатсия «Рисолаи қушайрия»-и Абулқосими Қушайрӣ ба таври маҷмуӣ ва муфассал баррасӣ мешавад. Муҳтавои диссертатсия собит менамояд, ки таҳқиқот аз тарафи унвонҷӯ дар сатҳи шоистаи илмӣ ба анҷом расонида шудааст. Дар ҳар як бобу фасли диссертатсия паҳлуҳои гуногуни мавзуъ ба таври лозимӣ баррасӣ ва натиҷагирӣ шудааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**. Диссертатсия аз лиҳози сохтор ба талаботи корҳои илмии тахассусӣ ҷавобгӯ буда, он аз муқаддима, се боб, нуҳ фасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаи таҳқиқ, рӯйхати адабиёт, номгӯйи интишороти илмии диссертант иборат мебошад. Ба хотири муназзамӣ ва риояи талаботи корҳои илмии диссертатсионӣ бобҳои диссертатсия ба фаслҳо ҷудо карда шудааст. Чунин сохтор мантиқӣ буда, барои баррасии пай дар пайи масоили марбут ба мавзуъ созгор мебошад.

Дар **муқаддимаи** диссертатсия мубрамияти мавзуъ, собиқаи омӯзиши он, ҳамбастагии таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ муайян карда шудааст. Илова бар ин, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, объект ва предмети он, асосҳои назарию амалӣ, навгониҳои илмии таҳқиқот, аҳаммияти назарию амалии натоиҷи таҳқиқ асоснок карда мешавад. Нуктаҳои ба ҳимоя

пешниҳодшаванда, саҳми шахсии диссертант дар таҳқиқи мавзуъ муфассал тавзеҳ мешаванд.

Боби аввали диссертатсия **«Ҷойгоҳи Абулқосими Қушайрӣ ва «Рисолаи қушайрия»-и ӯ дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ»** унвон дошта, он аз се фасл иборат аст. Фасли аввали боби якуми диссертатсия **«Назаре ба ҷойгоҳи тасаввуф ва нуфузи мактабҳои ирфонӣ дар замони Қушайрӣ»** номгузорӣ мешавад, ки он ба баррасии мақому ҷойгоҳи тасаввуф, мақоми мактабҳои ирфонӣ дар аҳди Қушайрӣ ихтисос дорад. Аз ҷумла таъкид мешавад, ки дар замони зиндагии Қушайрӣ тасаввуф бештар ҷанбаи амалӣ дошт.

Фасли дуюми боби аввали диссертатсия ба баррасии **«Рӯзгор ва осори Абулқосими Қушайрӣ»** бахшида мешавад. Воқеан, Қушайрӣ аз ҷумлаи чеҳраҳои дурахшони илму адаби асри XI мебошад. Нуфузи шахсият ва осори Қушайрӣ дар замони зиндагиаш қарнҳои зиёд байни аҳли илму адаб ва ҳалқаҳои суфия бағоят таъсиргузор будааст. Дар замони зиндагиаш орифону суфиёни маъруфе зиндагӣ мекарданд, ки дар байни онҳо аз назари мақоми илмию ирфонӣ аз саромадони рӯзгори худ будааст. Таълифоти ӯ, хосса «Рисолаи қушайрия», дар билоду сарзаминҳои гуногуни Шарқ дар байни аҳли ирфон чун асари дастурӣ истифода мешуд. Илова бар ин, таъкид мешавад, ки Қушайрӣ аз зумраи уламо, удабо, воизин ва саромадони орифони номвари адабиёти форсии тоҷикӣ мебошад. Вай дар қатори маъруфтарин донишмандони замони худ, яке аз донандагони хуби улуми замона, адабу фалсафа будааст. Дар баробари нависандагию шоирӣ Қушайрӣ воиз ва дабиру котиби тавоно ҳам будааст.

Фасли сеюми боби мавриди назари диссертатсияи Наҷотзода Ҷ. Н. **«Сохтору мундариҷаи «Рисолаи қушайрия»** номгузорӣ шудааст ва дар он дар баробари мазмуну муҳтаво, сохтори бадеӣ ва ҷанбаҳои адабию ҳунарии он баррасӣ мешавад. Доираи фарохи мавзуот рисолаи мазкурро ба ҳайси як асари назарӣ ва дастурӣ муаррифӣ мекунад. Диссертант дуруст таъкид мекунад: «Дар натиҷаи фарогирии муҳтавои куллии «Рисолаи қушайрия» ва тарҷумаҳои форсии он метавон ба ин нукта ишорат намуд, ки нақш ва мақоми ин асар барои ташаккули тазкиранависии ирфонӣ ва, ҳамчунин, пайдоиши фарҳангҳои истилоҳоти суфия қобили таъкид аст» (Дисс., саҳ.57). Аз ин нигоҳ, «Рисолаи қушайрия»-ро метавон ба унвони яке аз сарчашмаҳои муҳимми ташаккули анвои мухталифи насри ирфонӣ шинохт, ки дар доираи як асар чанд навъи мустақили насри ирфонӣ пайдо гардидааст.

**«Баррасии тарҷумаҳо ва шарҳи форсии тоҷикии «Рисолаи қушайрия»** унвони боби дуюми диссертатсия мебошад, ки он аз ду фасл

иборат аст. Фасли аввали ин боб **«Тарҷумаҳо ва шарҳи форсӣ-тоҷикии «Рисолаи қушайрия»** номгузорӣ мешавад, ки дар он матни тарҷума ва шарҳҳои мавҷудаи он муфассал баррасӣ мегардад. Таъкид мешавад, ки рисолаи мазкур дар асри XI ба забони арабӣ таълиф шуда, баъдан ба забони форсӣ-тоҷикӣ тарҷума шудааст. Баъдтар, Абулфутуҳи Нишопурӣ ба хотири бартараф кардани костиҳо ва нуқсонҳои тарҷумаи аввал, бори дуюм ин «Рисолаи қушайрӣ»-ро тарҷума мекунад. Баъдан, ҳам дар заминаи матни асл ва ҳам тарҷума ба ин асар шуруҳоте ҳам навишта мешавад. Аз ҷумла, китоби «Шарҳи Рисола»-и Гесудароз аз ҷумлаи шарҳҳои маъруфи «Рисолаи қушайрия» мебошад.

Фасли дуюми боби дуюми диссертатсия **«Баррасии тасҳеҳ ва нашрҳои тарҷумаи форсӣ-тоҷикии асар»** унвон дошта, дар он масоили нусхашиносии тарҷумаҳои рисолаи Қушайрӣ таҳқиқ мешавад. Таъкид мешавад, ки тасҳеҳ ва эҳёи мероси мактуб аз муҳимтарин ва душвортарин шохаҳои пажуҳиши адабиётшиносӣ мебошад.

Бояд гуфт, ки «Рисолаи қушайрия» аз тарафи донишмандони эронӣ се маротиба тасҳеҳ ва нашр шудааст. Аз ҷумла, донишманди маъруф Бадеуззамони Фурӯзонфар ҳанӯз соли 1967 тасҳеҳи ин асарро анҷом дода буд, ки он то имрӯз чандин маротиба таҷдиди чоп шудааст. Баъдан, тибқи ишораи диссертант рисолаи мазкур аз тарафи Маҳдии Муҳаббатӣ ва дигарон ҳам тасҳеҳ ва чоп карда шудааст. Бо вуҷуди он, нусхаи тасҳеҳнамудаи Б. Фурӯзонфар то имрӯз мавриди истифодаи муҳаққиқон мебошад. Чунки ин матн бо риояти ҳамаи талаботҳои матншиносӣ ва нусхашиносӣ анҷом дода шудааст.

Боби сеюми диссертатсия **«Вижагиҳои сабкӣ ва бадеии тарҷумаи форсии «Рисолаи қушайрия»»** унвон дорад. Ин боб аз чаҳор фасл таркиб ёфтааст, ки дар ҳар яки онҳо масъалаҳои мушаххаси ҳассоси адабию сабкии рисолаи «Рисолаи қушайрия» мавриди баҳс қарор мегирад.

Фасли аввали боби сеюм **«Забон ва сабки баёни тарҷумаи «Рисолаи қушайрия»** ном дошта, дар он ҷанбаҳои сабкию забонии тарҷумаи асари номбурда баррасӣ мешаванд. Таъкид мешавад, ки ин китоб дар сабки хуросонӣ таълиф шудааст. Диссертант бо баррасӣ ва таҳлилҳои муфассали вижагиҳои забони тарҷума, мансубияти услубии муаллифро ба сабки хуросонӣ собит менамояд. Вай дуруст таъкид мекунад: «Он чи дар хусуси сабки баёни тарҷумаи «Рисолаи қушайрия» шоистаи зикр аст, ин ки тавзеҳи матолиб дар ин китоб бо оёту ҳадис, ҳикоёту ахбор, ашъору амсол ба забоне сода ва дархури фаҳм баён карда шудааст. Бештари ҷумлаҳои китоб кутоҳ, сода дур аз санъатҳои лафзию такаллуфоти печдарпеч мебошанд» (Дисс.,

саҳ.105). Ин бардошти худро диссертант зимни таҳлили матн, ҳикояҳо, амсол ва ғайра собит менамояд, ки ин арзиши илмии диссертатсияро афзудааст.

Фасли дуюми боби сеюм **«Шеваҳои корбурд ва шарҳи истилоҳоти ирфонӣ дар тарҷумаи «Рисолаи қушайрия»»** номгузорӣ шудааст, ки дар он истифода ва корбасти мафҳумҳо ва истилоҳоти ирфонӣ дар ин китоб ба таҳқиқ омадааст. Ба андешаи диссертант, «Рисолаи қушайрия» яке аз сарчашмаҳои асосӣ ва муҳимми шарҳу тафсири истилоҳоти ирфонӣ мебошад. Тибқи ишораи диссертант зимни баррасии истилоҳоти ирфонӣ дар тарҷумаи «Рисолаи қушайрия» метавон ба ду нуктаи муҳим таъкид кард, ки асоси назарияи Қушайрӣ дар мавриди тафсири ин истилоҳотро ташкил медиҳад ва худи ӯ ҳам ба он борҳо ишорат кардааст. Аз тарафи дигар, муаллифи рисола дар мавриди тафсирҳои масъалаи суфия назари худро дорад, ки ин ҳам нишондиҳандаи бартарияти «Рисолаи қушайрия» дар шинохт ва шарҳу тафсири истилоҳоти ирфонӣ дар адабиёти мо мебошад.

Бояд гуфт, ки **«Усулҳои корбурд ва сохтору муҳтавои ҳикоёт»** дар «Рисолаи қушайрия»-и Абулқосими Қушайрӣ аз ҷумлаи бахшҳои муҳимми боби сеюми диссертатсияи Ҷ. Наҷотзода мебошад. Воқеан, Абулқосими Қушайрӣ дар бисёр маврид паёмҳои адабию эҷодии худро дар қолаби ҳикоёти кутоҳ баён мекунад, ки он ба таври куллӣ ҷанбаи адабию ҳунарии рисоларо такмил месозад. Зимни баррасии ҳикоёти рисола диссертант ба чунин хулоса мерасад, ки он ҷолиби диққат аст: «Аз муҳимтарин вижагиҳои баёни андеша дар ҳикоёти «Рисолаи қушайрия» истифода аз гуфтугӯҳои шахсиятҳои достонӣ ба ҳисоб меравад... Зеро гуфтугӯ бозтобдиҳандаи сират ва равиши зиндагӣ, ахлоқу ақоиди шахсиятҳо мебошад. Маҳз, гуфтугӯ сохтори достонро густариш медиҳад ва бисёре аз иттилооти достонро мунтақил мекунад ва даҳҳо маврид низ муҳтавои достон аз забони шахсиятҳо баён мешавад» (Дисс., саҳ.127-128). Дар ин ишорат манзури диссертант аз достон ҳамон ҳикоятҳои таркиби «Рисолаи қушайрия» мебошад.

Бояд қайд кард, ки ин асари Қушайрӣ на танҳо дар ташаккул ва танзими афкори ирфонӣ нақш дорад, балки он ба рушди адабиёти ирфонии форсии тоҷикӣ таъсири амиқ расонидааст. Масъалаи таъсиргузории рисолаи мазкур ба муаллифони баъдӣ дар фасли **«Таъсири «Рисолаи қушайрия» ба осори ирфонии форсӣ-тоҷикӣ (дар мисоли «Кашф-ул-маҳҷуб»-и Ҳуҷвирӣ)»** ба таври мушаххас мавриди баррасӣ қарор мегирад. Диссертант собит менамояд, ки «Рисолаи қушайрия» ба осори ирфонии баъдӣ таъсири зиёд гузоштааст. Бисёре аз ҳикоёту нақли асар ба осори баъдии ирфонӣ ё айнан ва ё бо тағйирот интиқол шудаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестасионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Хулосаҳо ва натиҷагириҳои диссертант дар 14 банд зикр мешавад, ки аксари онҳо натиҷаи ҷустуҷӯю баррасӣ ва ковишҳои илмию пажуҳишии диссертант мебошад. Истифодаи бамавриду бамавқеи сарчашмаҳои илмию адабӣ, агар аз як тараф нишондиҳандаи вусъати назари муҳаққиқ бошад, аз тарафи дигар, он баёнгари сатҳи шоистаи илмии диссертатсия аст. Дар маҷмуъ, диссертатсияи Ҷ. Наҷотзода ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ аст.

Автореферати диссертатсия ва маводди нашрнамудаи муаллиф фарогири муҳтавои асосии диссертатсия буда, 5 мақолаи ӯ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидааст, ки аҳаммияти илмии рисоларо нишон медиҳад.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб бо дараҷаи илмӣ.** Диссертатсияи Наҷотзода Ҷамшед Нарзулло дар мавзуи «Арзишҳои адабии тарҷумаи форсии «Рисолаи қушайрия»-и Абулқосими Қушайрӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021401 – Назарияи адабиёт ва сабкшиносӣ) ба талаботи бандҳои 31, 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ аст. Лаёқати баланди илмии диссертант қобили таваҷҷуҳ буда, фаъолият ва таълифоти илмии ӯ бевосита ба самти адабиётшиносӣ иртибот доранд.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.** Диссертатсияи тақризшаванда дорои дастовардҳои назарраси илмию таҳқиқӣ мебошад. Бо муҳассаноти зикргардида дар диссертатсия баъзе камбудиҳо ба назар мерасад, ки зикри онҳо барои такмили он аз аҳаммият холӣ нест:

1. Дар муқаддимаи диссертатсия баъзе бандҳои дар вазифаҳои таҳқиқ ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда овардаи диссертант тавзеҳ мехоҳад (мисли «таъсир ва нуфузи Қушайрӣ дар адабиёти тасаввуф»).

2. Диссертант дар саҳ. 25 дар бораи пешвоёни аҳли тасаввуф, ки дар замони Қушайрӣ ва давраҳои баъдӣ дар шаҳрҳои Нишопур, Марв, Балх, Бухоро, Самарқанд, Тирмиз ишорат мекунад, вале номи онҳоро зикр намекунад.

3. Ба назари мо, дар боби якум, агар диссертант тавзеҳи осори Қушайриро дар як фасли алоҳида меовард, беҳтар мебуд.

4. Дар саҳ. 41 диссертант масъалаи аз тарафи Қушайрӣ ҳимоят шудани аҳли тасаввуфро (зербанди 1. Дифоъ аз аҳли тасаввуф) зикр мекунад, ки он хеле мухтасар аст ва ҳадафи диссертантро ба пуррагӣ равшан намесозад.

5. Дар фасли якуми боби сеюм, ки масъалаи сабку забони «Рисолаи қушайрия» баррасӣ мешавад, диссертант агар бештар ба шеваи таҳлили қиёсии масъаларо таҳқиқ мекард, ба дастовардҳои бештари илмӣ ноил мешуд.

6. Дар матни диссертатсия ва автореферати он баъзе нуқсонҳои имлоӣ ва услубӣ ба назар мерасанд, ки онҳоро бояд ислоҳ кард.

Камбудиҳои мазкур арзиши илмии диссертатсияро кам намесозанд. Муҳаққиқ вазифаҳои дар назди худ гузоштаашро дар сатҳу савияи шоистаи илмию таҳқиқотӣ иҷро кардааст. Аз диссертатсияи мавриди назар бисёр маълумоти тозаи илмӣ гирифтан мумкин аст.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Ҷ. Наҷотзода кори бaанҷомрасидаи илмӣ буда, онро метавон ҳамчун дастоварди тоза дар адабиётшиносии тоҷик муаррифӣ кард.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқарраргардида барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021401 – Назарияи адабиёт ва сабкшиносӣ) дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия.** Диссертатсияи Наҷотзода Ҷамшед Нарзулло дар мавзуи «Арзишҳои адабии тарҷумаи форсии «Рисолаи қушайрия»-и Абулқосими Қушайрӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021401 – Назарияи адабиёт ва сабкшиносӣ) пешниҳод гардидаст, бо муҳиммияти мавзуъ, навгониҳои илмӣ, арзиши назарию амалӣ ва вусъати таҳқиқи масъалаҳои бамиёнгузошташуда ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба пуррагӣ мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021401 – Назарияи адабиёт ва сабкшиносӣ) сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76 -79 ва 81-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод гардид.

Тақриз аз ҷониби номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филология ва рӯзноманигории Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Додихудоев Ёдгор Шукрихудоевич омода гардида, дар ҷаласаи кафедраи мазкур санаи 15-уми августи соли 2026 муҳокима ва тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 16 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 16 нафар, зид – «нест», бетараф – «нест».

Суратҷаласаи №1/2, аз 15.08.2026.

**Раиси ҷаласа:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
мудири кафедраи назария ва таърихи
адабиёти Донишгоҳи байналмилалии
забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба
номи Сотим Улуғзода Салими Хатлонӣ

**Эксперт:**
номзади илмҳои филологӣ, дотсенти
кафедраи назария ва таърихи адабиёти
Донишгоҳи байналмилалии
забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба
номи Сотим Улуғзода Додихудоев Ёдгор Шукрихудоевич

**Котиби илмии ҷаласа:**
номзади илмҳои филологӣ, дотсенти
кафедраи назария ва таърихи адабиёти
Донишгоҳи байналмилалии
забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба
номи Сотим Улуғзода Боев Шавкат Элмуродович

Имзоҳои С. Хатлонӣ, Н.С. Шамсов ва Ш.Э. Боевро тасдиқ мекунам:
И.в. сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи
байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба
номи Сотим Улуғзода Сиҷоатова Мунира Ғайратовна

КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

**Суроғаи муассисаи пешбар:**
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Ф. Муҳаммадиев, 17/6.
Телефон: +992-37) 2325029; 2325000; факс: +992372325003.
E-mail: rectorat/dbzkht.tj@mail.ru
17.08.2026